# Чаро Муҳаммад "Дуову дуруд бар у бод" ро хотамул анбиё мегуяд?

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

**Таҳияи : Абдуссатори Ҳақназар**

2009 – 1430

islamhouse.com

# لماذا سمي محمد صلى الله عليه وسلم خاتمُ الأنبياء؟

« باللغة الطاجيكية »

إعداد: عبد الستار حقنظر

2009 - 1430

islamhouse.com

Чаро Муҳаммад "с" ро хотамул анбиё мегуяд?

Эмон овардан ва бовари доштан бар пайғамбарони Худо яке аз рукнҳои эмон ба Худо мебошад, чуноне, ки Худованд мефармояд:

﴿ ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ ٢٨٥ ﴾ البقرة: ٢٨٥

"Ва муминон низ ҳама эмон овардан ба Худо ва фариштагони Ӯ ва китобҳои Ӯ ва пӣғамбарони Ӯ ..."

Ва агар касе бар яке аз пайғамбарони Худо эмон наорад аз дини ислом берун мешавад, ва дар зумраи гумроҳон шуморида мешавад, чуноне Худованд мефармояд:

﴿ وَمَن يَكۡفُرۡ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ فَقَدۡ ضَلَّ ضَلَٰلَۢا بَعِيدًا ١٣٦ ﴾ النساء: ١٣٦

"Ва ҳар ки кофир шавад ба Худо ва ба  Фариштагони Ӯ ва китобҳои Ӯ  ва пайғмабарони Ӯ ва рузи охират пас ҳар оина гумроҳтаринни гумроҳон шудааст"

Ва Худованди бузург дар китоби покаш барой мо хабар дода аст ки фиристодани паёмбаронашро бо фиристодани паёмбарии ҳазрати Муҳаммад (с) хотима бахшидааст, яъне Ӯ охирин паёмбари Худованд аст.

Ҳамчунин таъкид мекунад, ки рисолати ҳазрати Муҳаммад (с) умуми буда ҳама мардумро сарфи назар

аз забон, миллат ва асру замоне, ки дар он зиндаги мекунанд шомил мешавад.

Чуноне ки Худованд дар Қурони карим мефармояд:

﴿ قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّى رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا ﴿١٥٨﴾ ﴾ الأعراف: ١٥٨

"Бигу эй  мардум, ҳар оина ман пайғамбари Худоям басуй ҳамай шумо "

Худованд дар яке аз охирин ваҳе, ки тавассути Ҷабраил (а) ба ҳазрати Муҳаммад (с) гозил кард, мефармояд:

﴿ ٱلْيَوْمَ أَكْمَلْتُ لَكُمْ دِينَكُمْ وَأَتْمَمْتُ عَلَيْكُمْ نِعْمَتِى وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلْإِسْلَٰمَ دِينًا ﴿٣﴾ ﴾ المائدة٣

"Имруз динатонро бароятон комил намудам ва неъматамро бар шумо тамом гардонидам ва дини исломро бароятон дини мавриди ризоияти хеш қарор додам".

Пас барой  ҳар як фарди мусалмон эмон овардан бар инки Муҳаммад охирини пайғамбарҳо аст воҷиб будаст зеро ки яке аз рукнҳои эмон овардан ба Худо мебошвад, яъне касе ки эмон ба Худо дорад бояд ки бар Пайғамбарони вайҳам эмон оварда рисолати онҳоро қабул кунад, ва эмон бар ин дошта бошад ки Муҳаммад (с) беҳтарини Пайғамбарҳо буда, ва умматаш беҳтарини умматҳо аст, чуноне ки Худованд дар сураи" Оли Умрон" ояти 110 мефармояд :

﴿ كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنكَرِ
وَتُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ ۗ ﴿١١٠﴾ ﴾

"Ҳастед шумо беҳтарини умматоне ки аз миёни мардум ихтиёр шудед, чунки мардумонро ба кори хайр амр мекунед ва аз кори бад манъ мекунед ва эмон меёред ба Худо".

Худоё мо шаҳодат медиҳем ки ба ту ва китобҳову малойкаҳову пайғамбаронат эмон дорем.

Ва охиру даъвоно анил ҳамду лиллоҳи раббил оламин.